***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.***

«Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона», воқеан, дар адабиётшиносии навинамон мавзуи нав ва ниҳоят боаҳаммият буда, аз нигоҳи самтгирии таҳқиқ ба ду бахш тақсим мешавад: 1. Фаъолияти тарҷумонии Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона (Иноят Хоҷаева). 2. Тарҷумаҳои ашъори Фарзона ба забонҳои хориҷӣ (русӣ, белорусӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ, олмонӣ, испанӣ, арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва ғайра).

Ба ду бахш тақсимшавии тадқиқ заминаи густардаеро дар ихтиёри диссертант гузоштааст, ки илова бар муқаддима, хулосаю рӯйхати адабиёт, масоили меҳвариро дар се боб ва нуҳ фасл баррасӣ намуда, натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажӯҳишашро бо мундариҷаи илмии мувофиқ манзур созад. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он маълум мешавад, ки диссертант ба мавзуъ ворид аст, талаботи кори таҳқиқӣ – доварии холисонаву мунсифонаи тарҷумаҳои манзумро хуб медонад, аз шеваҳои таҳлили поэтикии матни асл ва тарҷума огоҳӣ дорад, назарияи тарҷумашиносиро бар асоси нишондоди сарчашмаҳои илмии ин соҳаи адабиётшиносӣ дар амал татбиқ карда метавонад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Масалан, бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ» дар 11 номгӯ ба қалам омада, ҳамаи онҳо масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввал, ки «Тарҷума – воситаи инкишофи адабиёти бадеии тоҷик» ном дорад, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб бар асоси сарчашмаҳои илмӣ оид ба даҳ-дувоздаҳ асри таърихи тарҷума дар адабиёти форсии тоҷикӣ маълумоту ахбори таърихиву адабии мустанад манзур гардида, баъзан миёни пайдарҳамиву пайванди онҳо фосила ба вуҷуд омадааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби авал, ки «Нақши тарҷума дар муаррифии ашъори Фарзона» унвон дорад, ба масъалаи таърихи тарҷума ва баргардони ашъори Фарзона ба забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ, булорусӣ,

ӯзбекӣ, арабӣ ва хатти форсӣ пардохта, бо овардани намунаҳо аз матни асл ва матни тарҷума ҳаракати кӯчиши мундариҷаи шеър ва ҳунари суханварии шоираро ҳангоми баргардониш нишон додааст.

Боби дуюм – «Истеъдоди тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи ашъори адибони рус» аз чаҳор фасл иборат мебошад, ки онро аз лиҳози пурборӣ шартан боби меҳварии рисола метавон номид. Дар фасли аввал – «Тарҷумаи ашъори Александр Пушкин» унвонҷӯ бар асоси тарҷумаи шеъри «Подражание Корану» // «Иқтидо ба Қуръон» бо таҳлили муқоисавии матни асл ва тарҷума собит месозад, ки нубуғи ҳунарии Фарзона зимни тарҷума тавассути калимаороиву таъбирсозиҳои нодир дар ҳар ҷойи шеъри мазкур ба зуҳур меояд.

Аз муҳтавои фасли дуюм – «Тарҷумаи ашъори Фёдор Тютчев ва Сергей Есенин» бармеояд, ки дар он диссертант амонатнигоҳдории мутарҷимро дар ҳифзи ҳунари тасвирсозиҳои Фёдор Тютчев ва дарку интиқоли моҳияти фалсафаи шеърҳои С. Есенин маҳакки таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант дар фасли сеюм – «Тарҷумаи ашъори Анна Ахматова» аз 50 шеъри ба қалами Фарзона тарҷумашуда маъмултарин ва машҳуртарин шеърҳороро намуна оварда, бо таҳлили муқоисавӣ ва поэтикӣ ҳунари тарҷумонии Фарзона ва саҳми ин мутарҷими чирадастро дар интишори ашъори Анна Ахматова муайяну муқаррар кардааст.

Фасли чорум – «Ашъори Александр Блок ва Марина Светаева дар тарҷумаи Фарзона» шомили масъалаи чигунагии тарҷумашавии ашъори шоирони мазкур ба қалами Фарзона буда, дар он унвонҷӯ зимни таҳлилу баррасӣ ба натиҷае мерасад, ки мутарҷим ҳиссиёту руҳияи ботинии шоирон Александр Блок ва Марина Светаеваро ҳангоми тарҷума ҳамвора ба инобат гирифта, зимнан, мазмунҳои иҷтимоиву фалсафии ашъору афкори онҳо тавонистааст дар матни тарҷума ҳифҳ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Тарҷумаи ашъори адибони Ғарб ва Шарқ» ном дошта, шомили се фасл мебошад. Дар фасли аввали он – «Тарҷумаи осори адибони Ғарб дар эҷодиёти Фарзона» дар бораи тарҷумаи ашъори шоирону мутафаккирони олмонӣ Иоҳан Гёте (аз тарҷумаи русии В.Левик), Ҳенрих Ҳейне (аз тарҷумаи русии А. Толстой), шоири романтики англис Ҷорҷ Байрон (аз тарҷумаи русии Я. Рулёва), нависандаи маъруфи фаронсавӣ Антуан де Экзюпери (аз тарҷумаи русӣ) ба қалами Фарзона баҳс меравад.

Мундариҷаи фасли дуюм – «Намунаи ҳайкуҳои ҷопонӣ дар тарҷумаи Фарзона» бозгӯйи он аст, ки Фарзона 90 мисраъ, яъне 30 намуна ҳайкуи ҷопониро бар асоси тарҷумаи русии мутарҷимон Делюсина Соколова ва Вера Маркова ба забони тоҷикӣ баргардонидааст. Мутарҷим дар ин баргардонишҳо тавонистааст, ки хусусияти ин назми ҷопониро ҳифз карда, муҳтавои ҳайкуҳои тарҷумашударо ба забони тоҷикӣ интиқол диҳад. Ба ақидаи диссертант дар миёни жанрҳои адабии тоҷикӣ набудани чунин жанри шеърӣ барои мутарҷими тавоное чун Фарзона монеа нашудааст.

Фасли сеюм – «Тарҷумаи ашъори Абай Кунанбоев» бар асоси асари тарҷумавии «Нигоҳе ба зиндагӣ ва осори Абай – бунёдгузори адабиёти навини қазоқ», ки дар тарҷмуаи Фарзона соли 1995 дар Теҳрон чоп шудааст, таълиф гардидааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия шомили 10 банд буда, дар ҳар як банд кӯшиш рафтааст, ки муҳтавои асосии фаслҳои се боб дар шакли натиҷагириҳои дилхоҳ ба қалам оянд. Аз банди 1 то банди 4 асосан таърихи ташаккули тарҷума дар садаи XX ва оғози садаи XXI натиҷагирӣ шуда, дар бандҳои 5-8 хулосаи таҳқиқи тарҷумашиносии диссертант дар мавриди фаъолияти тарҷумонии Фарзона инъикос ёфтааст. Бандҳои 9 ва 10 андешаҳои диссертантро дар бозгӯйии аҳаммияти тарҷумаи ашъори Фарзона ба забонҳои хориҷӣ, хусусан, ба забони русӣ фаро мегиранд.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Дар фасли якуми боби аввал масъалаи тадқиқ фосилаи дурударози таърихиро дар бар гирифта, як андоза кандагиву гусастагиҳои хронологӣ дар он ба назар мерасанд. Хуб мебуд, ки ин фасл ба ду фасли алоҳида ҷудо карда мешуд: аз асри VIII то поёни асри XIX; аз ибтидои асри XX то оғози асри XX.

2. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ аз корбурди калимаю таркиботи мадҳию тавсифӣ то ҳадде худдорӣ бояд кард. Дар автореферати диссертатсия корбурди ибораҳои тавсифии «шоири мумтоз», «адиби хушсалиқа», «адиби тавоно» ва монанди инҳо ба назар мерасанд.

3. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқаррароти «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар масъалаи категорияи ҷинсият ба назар гирифта нашудааст. Чунончи: шоира (саҳ. 6, 7, 8...) (шакли саҳеҳаш: шоир).

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, муҳаррири
Маркази табъу нашр, баргардон ва
тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Набиева М.Н.
«22» январи соли 2024.

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Чоряккорон, маҳ. Зафар
Тел.: (+992) 988-61-61-08
E-mail: mehrangez2009@mail.ru

Имзои Набиева Меҳрангез Назаровнаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«22» январи соли 2024.